# Тақризи

**роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода ба диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст.-Хуҷанд, 2023.-201 саҳифаи чопи компютерӣ.**

Диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба яке аз масъалаҳои асосӣ ва мубрами илми педагогика –муносибати босалоҳият дар таълими адабиёт бахшида шудааст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сифати таҳсил ва тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир муносибати босалоҳият ба таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда, ки таҳқиқу коркарди ҳар як мавзуи фанҳои тадрисшаванда, аз ҷумла адабиёти тоҷикро тақозо дорад. Мавзуи диссертатсияи З.Т. Бобоева дар асоси ҳамин лоиҳаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, ба таҳқиқи асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ихтисос дорад. Ҳадафи таҳқиқи диссертатсия аз лиҳози назариявӣ асоснок намудан ва аз ҷиҳати методӣ коркард кардани муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар зинаҳои омӯзиши адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки боиси ташаккули салоҳиятҳои омӯзгорону хонандагон мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар як боб вобаста ба мавзуи таҳқиқ дорои фасл ва зерфаслҳоянд, хулоса, тавсияҳои методӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар боби аввал асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият ба таълими

адабиёт бо истифода аз асарҳои таҳқиқотӣ ва методии донишмандони ватанию хориҷӣ асоснок карда шуда, дар асоси натоиҷи озмоишҳои педагогӣ дар мактабҳои таҷрибавӣ таълими интерактивӣ ва мавқеи технологияи таълим ҳангоми омӯзиши рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомӣ, ки боиси ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мегардад, мушаххас шудааст.Ҳамчунин дар фасли охири боби мазкур ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиш (эксперимент)-и таълимӣ доир ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ироа гардидааст.

Дар боби дувуми диссертатсия, ки «Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси хониши адабӣ” унвон дорад, нахуст, махсусиятҳои таълими эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар зинаи аввали таҳсилот (синфҳои 1-4) мушаххас шуда, сониян, таълими ҳаёт ва эҷодиёти шоир вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият дар курси хониши адабӣ (синфи 7) бо такя ба озмоишҳои педагогӣ ва дар асоси барнома ва маводи китобҳои дарсӣ коркард шуда, пешниҳод шудааст.Дар ин боб дар баробари шарҳи ҳоли адиб осори манзуму мансури Абдураҳмони Ҷомӣ, аз ҷумла “Баҳористон” бо дарназардошти синну соли хонандагони синфи 7 ва бо иҷрои марҳалаҳои муносибати босалоҳият коркард шуда, бо такя ба озмоишҳои педагогӣ таълими нисбатан сода, ки ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат менамояд, пешниҳод шудааст.

Дар ин боби сеюм методикаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси таърихи адабиёт, ки тибқи барнома дар синфи 9 таълим дода мешавад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.Боби мазкур аз се фасл ва ду зерфасл иборат буда, дар ибтидо омӯзиши шарҳи ҳол ва тавсифи мероси илмию адабии Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9 дар шароити муносибати босалоҳият бо такя ба озмоишу таҷрибаҳои педагогии анҷомшуда пешниҳод шудааст. Азбаски дар фасли чаҳоруми боби аввали диссертатсия дар мавриди роҳу усулҳои таҳлили ғазалиёти Ҷомӣ бо такя ба озмоиши таълимӣ маълумот дода шудааст, дар фасли дуюми боби сеюм бо назардошти мушкилоти асосии омӯзгорон шарҳи

нисбатан муфассали се ғазали шоир вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар ҳамбастагӣ бо шартҳои методикаи таълими суннатии ғазал пешниҳод шудааст. Дар фасли сеюм боби мазкур, ки "Методикаи таълими осори ҳамосии Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси таърихи адабиёт" унвон дорад, достонҳои "Юсуфу Зулайхо" ва "Хирадномаи Искандарӣ"-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар шароити муносибати босалоҳият, дар асоси натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ дақиқ нишон дода шудааст.

Бобоева З.Т. натиҷаҳои бадастомадаро аз таҳқиқи мавзуъ ва коркарди он дар озмоишҳои педагогӣ дар "Хулоса" ба таври мухтасар дар 10 банд ироа карда, ки пояи баланд илмию методӣ доранд.

Унвонҷӯ тавсияҳои методии худро доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада дар 9 қисмат пешниҳод карда, ки истифодаи онҳо дар раванди таълими адабиёт ба баланд бардоштани сифати таълим ва ташаккули салоҳиятҳои хонандагон замина муҳайё мукунанд.

Дар диссертатсияи З.Т. Бобоева бори нахуст дар илми педагогикаи тоҷик муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ ва аз озмоишҳои педагогӣ гузаронида шуда, методҳои тадриси онҳо, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудааст, дар се зинаи омӯзиши адабиёт, бо дарназардошти синну соли хонандагон ва бо овардани намунаҳо аз осори адиб бо далелҳои илмию методӣ собит шудааст. Муҳимтарин навоварии диссертанд дар он аст, ки нақсу камбудҳои барномаву китобҳои дарсии адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, номутобиқатии барномаву китобҳои дарсӣ ба синну соли хонандагон ҳангоми интихоби осори Абдураҳмони Ҷомӣ ошкор ва бо далелҳои илмӣ собит шуда, намунаҳо аз осори адиб барои ҳар се зинаи омӯзиши адабиёт интихоб ва равиши таълими онҳо дар шароити муносибати босалоҳият пешниҳод шудааст.

Диссертатсия аз нигоҳи назариявӣ ва методӣ қавӣ буда, ба ҳама меъёрҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ пешниҳод кардааст, ҷавоб дода метавонад. Натиҷаҳои илмӣ, тавсияҳои методӣ ва хулосаҳои диссертант боварибахш буда, бо санадҳои эътимоднок асоснок карда шудаанд. Забони кор сода, равон ва мувофиқ ба талаботи рисолаҳои илмию методӣ мебошад.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» таҳқиқоти мукаммалу анҷомёфта буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ иншо шудааст ва аз нигоҳи мавод низ ғанӣ мебошад. Ҳамаи ин аз камолоти маънавӣ ва қобилияти хуби пажӯҳандагӣ доштани Бобоева З.Т. шаҳодат медиҳад. Бинобар он, месазад, ки рисолаи ӯ «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои муҳокима ва дифоъ ба шурои ҳимояи рисолаҳои илмии номзадию доктории назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04.-Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод гардад.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Х.М.Сабурӣ

Имзои Х.М. Сабуриро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Э.М.Наврӯзов

«6» 01 соли 2023